# Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек **“Вижагиҳои луғавию грамматикӣ дар осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”,** барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Дар таърихи илму адаби тоҷик устод Абуабдулло Рӯдакӣ нақши бениҳоят бузургеро дорад, ки ин ҳолат ду паҳлу дорад. Аввал ин аст, ки осори боқимондаи устод Рӯдакӣ дар ташаккули шеъри тоҷикӣ ва ба ин васила дар ғановати маънавиёти миллати тоҷик ва аҳли башар хизматҳои бузург кардааст. Дуюм, натиҷаи таҳқиқоти ҳазорсолаи садҳо донишмандони Шарқу Ғарб доир ба шеъри шоир ганҷинаи масоили назариявии марбут забону адабиётро мукаммал гардонида, барои тарбияи ахлоқи накуи башарӣ мусоидат намудааст.

Бо вуҷуди таҳқиқоти зиёде, ки дар даст дорем, дар баррасии масоили забонии осори адиб масъалаҳои ҳалталаб кам нестанд. Яке аз чунин масоил таҳқиқи қабатҳои луғавӣ ва тарҳрезии хусусиятҳои грамматикии назми шоир ба шумор меравад. Ба ин масъалаи муҳимми илмӣ даст задани унвонҷӯ Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек ва таҳти унвони “Вижагиҳои луғавию грамматикӣ дар осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” рисолаи илмӣ пешниҳод кардан **саривақтӣ ва мубрам** арзёбӣ мегардад.

Бо мақсади баррасии мавзуъ муҳаққиқ осори ҳангуфти ба масоили адабию лингвистии таҳқиқотие, ки маҳз ба осори устод Рӯдакӣ бахшида шудаанд, омӯхтаю матраҳ карда, маводи мушаххаси таҳқиқии назариявии мавҷударо аз бар кардааст. Дар баробари ин, муҳаққиқ маводи назми шоирро ҷиҳати баррасии илмӣ омӯхтаю гурӯҳбандӣ намудааст, ки дар таҳқиқи диссертатсиониаш истифода бурдааст.

Мақсади асосии таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории осори устод Абуабдулло Рӯдакӣ ба шумор меравад. Ҷиҳати иҷрои ин мақсад муаллифи диссертатсия аз усули таҷзияву таҳлили синхронию диахронӣ, сохторшиносӣ, ташреҳӣ мавод аз усулҳои

забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, тафсирӣ ва оморӣ истифода намудааст, ки комилан ба ҳамин гуна корҳо муносиб мебошанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 7 фасл, 23 зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мутобиқи анъанаи муқаддиманависӣ амал карда, талаботи мавҷудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроот гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдулло Рӯдакӣ» ном дорад. Қобил ба зикр аст, ки соматизмҳо ва воҳидҳои луғавии ифодакунандаи шахс аз қабатҳои асосии таркиби луғавии забон ва, махсусан, осори устод Рӯдакиро ба шумор меравand. Ин аст, ки дар рисола, хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва баромади забонию омори истифодаи онҳо мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Дар фаслҳои ин боб масъалаҳои таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоир аз назари донишмандон, масоили назариявии марбут ба соматизмҳо ва таҳқиқи онҳо дар ашъори Рӯдакӣ, баррасии воҳидҳои луғавии ифодакунандаи шахс ва, махсусан, калимаҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешутаборӣ, мансубият ва машғулияти одамон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, бо милосҳо аз ашъори шоир тасвиб гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки “Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори устод Рӯдакӣ” номгузорӣ шуда, аз 4 фасли таҳқиқи иборат аст. Дар онҳо аҳамияти таҳқиқи сохтории ашъори устод Рӯдакӣ баён гардида, хусусиятҳои калимасозии пасвандҳои исмсози -ӣ//-гӣ, -а, -ак, -иш, -гоҳ, -гор, -бон, -ор, -гон, -истон, -сор, -зор, -вар, -ин, -шан, -ол, -када –дон ва пасвандҳои сифатсози -ӣ, -он, –а, -вор, –ин, -манд, –анда, -о, ки дар назми шоир мавриди истифода қарор гирифтаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, маҳсулнокии онҳо дар сохтани вожаҳо муайян гардидааст.

Ҳамчунин, перомуни баррасии калимаҳои мураккаби исмию сифатӣ дар забоншиносӣ баҳс карда, ин типпи калимаҳоро бо ҷалби маводи осори устод Рӯдакӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, қолибҳои калимасозии онҳоро

муайян кардааст, ки барои нишон додани ташаккули минбаъдаи онҳо дар забони осори адибони даврахои баъдии адабиётамон аҳаммияти калон дорад.

Ба андешаи мо навгонии кори муҳаққиқ маҳз дар он аст, ки дар баррасии қабатҳои луғавию таҳқиқи хусусиятҳои калимасозии осори устод Рӯдакӣ, ки дар саргаҳи адабиётамон меистад, кори нахустини илмӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки кор аҳаммияти махсуси амалию назариявӣ дошта, дар рушди масоили таҳқиқи хусусиятҳои вожагонию сохтории калимаҳо ҳоизи аҳамият мебошад.

Диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикӣ дар осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” мутобиқи мазмуну моҳият барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия мантиқӣ буда, моҳияти умумии кори диссертатсиониро фаро гирифтаанд.

Муҳтавои диссертатсия дар конференсияҳо ва мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтаанд ва автореферати кор мазмуни асосии рисоларо фаро мегирад.

Роҳбари илмӣ:

Муовини раиси Кумитаи забон ва
истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ,
д.и.ф., узви вобастаи АМИТ С.Раҳматуллозода

**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: saxidodi@list.ru Тел.: +992 (37) 227 59 38;
+992 (37) 227 78 29; дастӣ: (992) 919 00 21 78.

«15» октябри соли 2023.

Имзои С. Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Абдуллоев
«15» октябри соли 2023